Кен Швабер ва Джефф Сазерленд

# Роҳнамои Scrum

Роҳнамои қатъӣ барои Scrum: Қоидаҳои фаъолият

Ноябри 2020

# Мақсади Роҳнамои Scrum

Мо дар аввали солҳои 1990-ум Scrum-ро таҳия кардем. Аввалин нусхаи Роҳнамои Scrum-ро дар соли 2010 навиштем, то ба одамон дар саросари ҷаҳон барои дарк кардани Scrum кӯмак расонем. Аз он вақт инҷониб мо ин роҳнаморо тавассути тағйироти хурди функсионалӣ такмил додем ва якҷоя онро дастгирӣ мекунем.

Роҳнамои Scrum махфуми Scrum-ро дар бар мегирад. Ҳар як унсури фреймворк ба ҳадафи муайян хизмат мекунад, ки барои расидан ба арзиши умумӣ ва натиҷаҳои татбиқи Scrum зарур аст. Тағйир додани тарҳи аслӣ ё ғояҳои Scrum, хориҷ кардани ягон унсур, ё риоя накардани қоидаҳои Scrum боиси пинҳон шудани мушкилот мегардад, манфиатҳои Scrum-ро маҳдуд намуда, ҳатто метавонад онро беарзиш гардонад.

Мо бо афзудани истифодаи Scrum дар ҷаҳони мураккаб пайгирӣ мекунем. Мо фурӯтанона мебинем, ки Scrum дар бисёр соҳаҳои моҳияти мураккаб дошта, берун аз коркарди махсулоти барномави, ки аз он Scrum сарчашба ефта буд, истифода мешавад. Вақте ки истифодаи Scrum васеъ мегардад, таҳиягарон, муҳаққиқон, таҳлилгарон, олимон ва дигар мутахассисон корро анҷом медиҳанд. Мо дар Scrum калимаи «developers»-ро на барои истисно кардан, балки барои содда кардан истифода мебарем. Агар шумо аз Scrum арзиш гиред, худро шомил шуморед.

Ҳангоми истифодаи Scrum, метавонед намунаҳо, равандҳо ва ғояҳоро кашф, эҷод ва татбиқ кунед, ки ба чаҳорчӯбаи дар ин ҳуҷҷат тавсифшуда мувофиқанд. Тавсифи онҳо аз ҳадафи Роҳнамои Scrum берун аст, зеро онҳо вобаста ба мухит хасоссноканд ва дар байни истифодабарандагони Scrum ба таври васеъ фарқ мекунанд. Равишҳое, ки дар чаҳорчӯбаи Scrum истифода мешаванд, гуногунанд ва дар дигар манбаъхо тавсиф карда шудаанд.

Кен Швабер ва Ҷефф Сазерленд, ноябри 2020

© 2020 Ken Schwaber and Jeff Sutherland

This publication is offered for license under the Attribution Share-Alike license of Creative Commons, accessible at http://creativecommons.org/licenses/by-sa/4.0/legalcode and also described in summary form at http://creativecommons.org/licenses/by-sa/4.0/. By utilizing this Scrum Guide, you acknowledge and agree that you have read and agree to be bound by the terms of the Attribution Share-Alike license of Creative Commons.

Мақсади Роҳнамои Scrum ........ 1
Таърифи Scrum ........ 3
Назарияи Scrum ........ 3
Шаффофият ........ 3
Санҷиш ........ 4
Мутобиқшавӣ ........ 4
Арзишҳои Scrum ........ 4
Scrum Team ........ 5
Developers ........ 5
Product Owner ........ 5
Scrum Master ........ 6
Рӯйдодҳои Scrum ........ 7
Sprint ........ 7
Sprint Planning ........ 8
Daily Scrum ........ 9
Sprint Review ........ 9
Sprint Retrospective ........ 10
Артефактҳои Scrum ........ 10
Product Backlog ........ 10
Уҳдадорӣ: Product Goal ........ 11
Sprint Backlog ........ 11
Уҳдадорӣ: Sprint Goal ........ 11
Increment ........ 12
Commitment: Таърифи иҷрошуда ........ 12
Хулоса ........ 13
Сипосгузорӣ ........ 13
Одамон ........ **Error! Bookmark not defined.**
Scrum Guide History ........ 13

# Таърифи Scrum

Scrum як чаҳорчӯбаи сабукест, ки ба одамон, дастаҳо ва ташкилотҳо барои ба вуҷуд овардани арзиш тавассути қарорҳои мутобиқ ба масъалаҳои мураккаб кӯмак мекунад.

Ба таври мухтасар Scrum талаб менамояд, ки Scrum Master муҳитеро фароҳам созад, ки дар он:

1. Product Owner рафти корро барои масъалаи мураккаб дар Product Backlog ташкил мекунад.
2. Scrum Team интихоби корро ба Increment-и арзиш ҳангоми Sprint табдил медиҳад.
3. Scrum Team ва тарафҳои манфиатдори он натиҷаҳоро тафтиш мекунанд ва барои Sprint-и оянда мувофиқат мекунанд.
4. *Такрор*

Scrum оддӣ аст. Онро тавре ки ҳаст, истифода баред ва фалсафа, назария ва сохторашро барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва ба вучуд овардани арзиш муайян намоед. Чаҳорчӯбаи Scrum ба таври мақсаднок нопурра аст ва танҳо қисмҳои заруриро барои татбиқи назарияи Scrum муайян мекунад. Scrum аз ҷониби зеҳни коллективии одамоне, ки онро истифода мебаранд, сохта шудааст. Ба ҷои пешниходи дастурҳои муфассал ба одамон, қоидаҳои Scrum муносибатҳо ва ҳамкории онҳоро роҳнамоӣ мекунад.

Дар чаҳорчӯба равандҳои гуногун, техникаҳо ва усулҳоро истифода бурдан мумкин аст. Scrum амалияи мавҷударо инъикос менамояд, ё ин ки нолозимии онро нишон медихад. Scrum самаранокии нисбии идоракунӣ, муҳит ва техникаҳои кориро намоён месозад, то ки беҳбудиҳо ба онҳо ворид карда шаванд.

# Назарияи Scrum

Scrum дар пояи эмпиризм ва фикрронии сарфакорона асос ёфтааст. Эмпиризм тасдиқ мекунад, ки дониш аз таҷриба ҳосил шуда, қарорҳо дар асоси мушохидахо омода мешаванд. Фикррони сарфакорона исрофҳоро кам мекунад ва ба асосҳо диққат медиҳад.

Scrum усули итеративӣ, инкременталиро барои бехтар намудани пешгӯӣ ва назорати хавфхо истифода мебарад. Scrum дастаҳои одамонро ҷамъ мекунад, ки якҷоя ҳамаи малакаҳо ва таҷрибаи лозимиро барои иҷрои кор доранд ва хангоми зарурият мубодила ва ё омӯзиши малакаҳоро ба ҷо меоранд.

Scrum чор рӯйдодҳои расмиро барои санҷиш ва мутобиқсозӣ дар як рӯйдоди умумӣ, Sprint муттаҳид мекунад. Ин рӯйдодҳо хуб кор мекунанд, зеро дар онҳо сутунҳои таҷрибавии Scrum: шаффофият, санҷиш ва мутобиқсозӣ татбиқ мегардад.

## Шаффофият

Раванди кор ва натиҷаҳо бояд барои ҳамаи онҳое, ки корро ичро ва кабул мекунанд намоён бошад. Дар Scrum қарорҳои муҳим дар асоси ҳолати мушоҳидашудаи се артефакти расмии он қабул

мешаванд. Артефактҳое, ки шаффофияти паст доранд, метавонанд ба қарорҳое оварда расонанд, ки арзишро коҳиш медиҳанд ва хавфро зиёд мекунанд.
Шаффофият имкони санҷишро фароҳам меорад. Санҷиш бе шаффофият иштибоҳнок ва исрофнок аст.

## Санҷиш

Барои ошкори ихтилофҳо ё мушкилотҳои номатлуб, артефактҳои Scrum ва пешрафти ҳадафҳои мувофиқашуда бояд мунтазам ва бодиққат санҷида шаванд. Барои кӯмак дар раванди санҷиш, Scrum ритми худро дар шакли панҷ рӯйдод пешниҳод мекунад.

Санҷиш имкони мутобиқшавиро фароҳам меорад. Санҷиш бидуни мутобиқшавӣ бесамар ҳисобида мешавад. Рӯйдодҳои Scrum барои барангехтани тағйирот тарҳрезӣ шудаанд.

## Мутобиқшавӣ

Агар ягон ҷихати раванд аз меъерхои қабулшуда берун равад ё маҳсулоти натиҷавӣ ғайриқобили қабул бошад, раванд ё маводҳои истеҳсолшаванда бояд ба танзим даровардa шаванд. Танзим бояд ҳарчи зудтар анҷом дода шавад, то ки тағйирёбии бештар пешгирӣ шавад.

Вақте ки одамони иштироккунанда салоҳият надоранд ва ё худидоракунанда нестанд, мутобиқшавӣ боз хам мушкилтар мешавад. Интизор аст, ки Scrum Team аз лаҳзаи омӯхтани чизи нав тавассути санҷиш мутобиқ мешавад.

# Арзишҳои Scrum

Истифодаи бомуваффақияти Scrum аз он вобаста аст, ки одамон то чӣ андоза панҷ арзишро дар амал татбик менамоянд:

***ӯҳдадорӣ, таваҷҷӯҳ, ошкорбаёни, эҳтиром ва шуҷоат***

Scrum Team барои расидан ба ҳадафҳояш ва дастгирии якдигар ӯҳдадор аст. Таваҷҷӯҳи асосии кори Sprint пешрафти беҳтарини имконпазир ба сӯи ин ҳадафҳо мебошад. Scrum Team ва ҷонибҳои манфиатдор нисбати кор ва мушкилот ошкорбаёнанд. Аъзоёни Scrum Team якдигарро ҳамчун шахсони мустақил ва қобилиятнок эҳтиром мекунанд ва инчунин аз ҷониби ҳамкоронашон низ ҳамин гуна эҳтиром доранд. Аъзоёни Scrum Team шуҷоат доранд, то корҳоро дуруст ба рох монанд ва бо мушкилоти вазнин рӯ ба рӯ шаванд.

Ин арзишҳо Scrum Team-ро ба самти дурусти фаъолияти онхо, амалҳо ва рафторашон равон менамояд. Қарорҳое, ки қабул мешаванд, қадамҳое, ки гузошта мешаванд ва тарзи истифодаи Scrum бояд ин арзишҳоро тақвият диҳанд, на ин ки онҳоро заиф ё зери шубҳа гузорад. Аъзоёни Scrum Team ҳангоми кор бо руйдодҳо ва артефактҳои Scrum ин арзишҳоро меомӯзанд ва таҳқиқ мекунанд. Вақте ки ин арзишҳо аз ҷониби Scrum Team ва шахсоне, ки бо онҳо кор мекунанд, пазируфта мешаванд, рукнҳои таҷрибавии Scrum — шаффофият, санҷиш ва мутобиқшавӣ — ба ҳаёт меоянд ва эътимодро ба вуҷуд меоранд.

## Scrum Team

Воҳиди асосии Scrum ин дастаи хурди одамон аст, ки онро дастаи Scrum Team меноманд. Scrum Team аз як Scrum Master, як Product Owner ва Developers иборат аст. Дар дохили Scrum Team ҳеҷ зердаста ё мансаб вуҷуд надорад. Ин як воҳиди ҳамоҳангшудаи мутахассисон аст, ки дар як вакт ба як ҳадаф, яъне Product Goal, таваҷҷӯҳ медиҳанд.

Scrum Teams дорои малакаҳои байнисоҳавӣ мебошад, яъне ҳар аъзои он ҳама малакаҳои заруриро барои эҷоди арзиш дар ҳар як Sprint дорад. Онҳо инчунин худидоракунанда ҳастанд, яъне дар дохили худ ба қарор меоянд, ки кӣ бо чӣ кор машгул мешавад, кай ва чӣ гуна онро иҷро менамояд.

Scrum Team ба дараҷае хурд аст, то чолок боқӣ монад ва ба дарачае бузург аст, то кори муҳимро дар давоми як Sprint, одатан бо 10 нафар ё камтар аз он ба анҷом расонад. Умуман, мо мушоҳида намудем, ки дастаҳои хурд беҳтар муошират мекунанд ва истеҳсолнокии бештар доранд. Агар Scrum Teams хеле калон шавад, онҳо бояд ба якчанд дастаҳои Scrum Teams тақсим шуданро ба назар гиранд, ки дар он ҳар кадом ба як маҳсулот таваҷҷӯҳ мекунад. Аз ин рӯ, онҳо бояд Product Goal, Product Backlog ва Product Owner-и ягонаро дошта бошанд.

Scrum Team барои ҳамаи фаъолиятҳои марбут ба маҳсулот, аз ҷумла ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор, санҷиш, нигоҳдорӣ, амалиёт, таҷриба, тадқиқот ва рушд, ва ҳама чизи дигари зарурӣ масъул аст. Онҳо барои мустақилона пешбурди кор аз ҷониби ташкилот, сохторбандӣ ва салоҳиятдор карда шудаанд. Кор дар Sprints бо суръати устувор, таваҷҷӯҳ ва пайвастагии Scrum Teams -ро беҳтар менамояд.

Ахли Scrum Team барои коркарди як Increment-и муфид дар ҳар як Sprint ҷавобгар аст. Scrum се вазифаи мушаххаси масъулиятнокро дар дохили Scrum Team муайян мекунад: Developers, Product Owner ва Scrum Master.

### Developers

Developers нафарони Scrum Team ҳастанд, ки барои эҷоди ҳар як чихати Increment-и истифодашаванда дар ҳар Sprint ӯҳдадор мебошанд.

Малакаҳои мушаххасе, ки барои Developers лозим аст, одатан васеъ буда, он вобаста ба соҳаи кор фарқ мекунад. Аммо, Developers ҳамеша барои корҳои зерин ҷавобгар мебошад:

- Таҳияи нақша барои Sprint, ки онро Sprint Backlog меноманд;
- Ҷорӣ намудани сифат тавассути риояи таърифи омодагӣ;
- Рӯз то рӯз мутобиқ кардани нақшаи худ бо Sprint Goal; ва,
- хамчун мутахассисон доштани масъулияти байнихамдигарй

### Product Owner

Product Owner барои афзоиши арзиши маҳсулот ҷавобгар аст, ки дар натиҷаи кори Scrum Team бармеояд. Тарзи ичроиш метавонад дар ташкилотҳо, Scrum Teams ва шахсони алоҳида фарқ кунад.

Product Owner инчунин барои идоракунии самарабахши Product Backlog масъул аст, ки зеринро дар бар мегирад:

- Таҳия ва ба таври возеҳ баён кардани Product Goal;
- Эҷоди унсурҳои Product Backlog ва фаҳмо баён кардани онҳо;
- Тартиб пешниҳоди унсурҳои Product Backlog; ва,
- Таъмини шаффофият, намоён будан ва фаҳмо будани Product Backlog.

Product Owner метавонад кори дар боло зикршударо худ иҷро кунад ва ё метавонад масъулиятро ба дигарон вогузор намояд. Новобаста аз ин, Product Owner масъул боқӣ мемонад.

Барои муваффақ шудани Product Owners бояд тамоми ташкилот қарорҳои онҳоро эҳтиром кунад. Ин қарорҳо дар мӯҳтаво, фармоиши Product Backlog ва тавассути Increment-и тафтишшаванда дар Sprint Review намоён аст.

Product Owner як шахс аст, на кумита. Product Owner метавонад эҳтиёҷоти бисёр ҷонибҳои манфиатдорро дар Product Backlog намояндагӣ кунад. Онҳое, ки мехоҳанд Product Backlog-ро тағир диҳанд, метавонанд ин корро тавассути кӯшиши боварӣ ҳосил кунонидани Product Owner анҷом диҳанд.

## Scrum Master

Scrum Master барои таъсиси Scrum, тавре ки дар Scrum Guide қайд шудааст, масъул аст. Онҳо ин корро тавассути кӯмак ба ҳама дар фаҳмидани назария ва амалияи Scrum, ҳам дар дохили Scrum Team ва ҳам дар ташкилот ба анҷом мерасонанд.

Scrum Master барои самаранокии Scrum Team масъул аст. Онҳо инро тавассути имконият додан ба Scrum Team барои такмил додани усулҳои худ дар доираи чахорчубаи Scrum анҷом медиҳанд.

Scrum Masters пешвоёни ҳақиқӣ мебошанд, ки ба Scrum Team ва тамоми ташкилот хизмат мекунанд.

Scrum Master ба Scrum Team бо чанд роҳ хизмат мерасонад, аз ҷумла:

- Коучинги аъзоёни даста дар самти худидоракунӣ ва функсияҳои байнисоҳавӣ;
- Кӯмак расонидан ба Scrum Team дар таваҷҷуҳ ба эҷоди Increments-ҳои арзишманд, ки ба таърифи анҷомёфта мувофиқат мекунанд;
- Бартараф кардани монеаҳо дар пешрафти Scrum Team; ва,
- Боварӣ ҳосил кардан, ки ҳама рӯйдодҳои Scrum мусбӣ, самаранок ва дар доираи вақти ҷудошуда сурат мегиранд.

Scrum Master ба Product Owner бо чанд роҳ хизмат мерасонад, аз ҷумла:

● Кӯмак дар ёфтани усулҳо барои муайян кардани ҳадафҳои самараноки Product Goal ва идоракунии Product Backlog;
● Кӯмак ба Scrum Team дар фаҳмидани зарурати ҷузъҳои фаҳмо ва мухтасари Product Backlog;
● Кӯмак дар ташкили банақшагирии таҷрибавии маҳсулот дар муҳити мураккаб; ва,
● Мусоидат ба ҳамкории ҷонибҳои манфиатдор дар ҳолати дархост ё зарурӣ.

Scrum Master ба ташкилот бо чанд роҳ хизмат мерасонад, аз ҷумла:

● Роҳбарӣ, омӯзиш ва коучинги ташкилот дар татбиқи Scrum;
● Банақшагирӣ ва пешниҳоди машварат оиди татбиқи Scrum дар ташкилот;
● Кӯмак ба кормандон ва ҷонибҳои манфиатдор дар фаҳмидан ва ҷорӣ намудани равиши таҷрибавӣ барои кори мураккаб; ва,
● Бартараф кардани монеаҳо байни ҷонибҳои манфиатдор ва Scrum Teams.

# Рӯйдодҳои Scrum

Sprint як контейнер барои ҳама рӯйдодҳои дигар аст. Ҳар як ҳодиса дар Scrum як имконияти расмӣ барои тафтиш ва мутобиқсозии артефактҳои Scrum мебошад. Ин чорабиниҳо махсусан барои фароҳам овардани шаффофияти зарурӣ тарҳрезӣ шудаанд.
Иҷро накардани ҳама гуна ҳодисаҳо тибқи муқарраршуда боиси аз даст додани имкониятҳои тафтиш ва мутобиқшавӣ мегардад. Ҳодисаҳо дар Scrum барои эҷоди мунтазамӣ ва кам кардани ниёз ба вохӯриҳо, ки дар Scrum муайян нашудаанд, истифода мешаванд.
Ба таври оптималӣ, ҳама чорабиниҳо дар як вақт ва макон барои кам кардани мураккабӣ гузаронида мешаванд.

## Sprint

Sprints набзи дили Scrum мебошад, ки дар он ғояҳо ба арзиш табдил меёбанд.

Ин чорабиниҳо бо давомнокии муайян, барои таъмини ҳамоҳангсозӣ дар давоми як моҳ ё камтар аз он гузаронида мешаванд. Sprint-и нав фавран пас аз анҷоми Sprint-и қаблӣ оғоз мешавад.

Ҳамаи корҳои зарурӣ барои ноил шудан ба Product Goal, аз ҷумла Sprint Planning, Daily Scrums, Sprint Review, and Sprint Retrospective дар дохили Sprints анҷом меёбанд.

Дар давоми Sprint:

● ягон тағйироте, ки ҳадафи Sprint Goal-ро зери хатар мегузорад, ворид карда намешавад;
● Сифат паст намешавад;
● Product Backlog мувофиқи зарурат такмил дода мешавад; ва,
● ҳаҷми кор метавонад бо афзудани омузиш бо Product Owner мушаххас карда шуда, аз нав гуфтушунид карда шавад.

Sprints имконият медиҳад, ки ҳадди аққал ҳар моҳи тақвимӣ санҷиш ва мутобиқсозии пешрафти Product Goal пешгӯӣ шавад. Вақте ки уфуқи Sprint хеле дароз аст, Sprint Goal метавонад беэътибор гардад, мураккабӣ метавонад афзоиш ёбад ва хавф метавонад афзояд. Sprint-ҳои кӯтоҳтар метавонанд барои эҷоди бештари давраҳои омӯзиш, маҳдудкунии хавфи хароҷот ва кӯшишҳо дар доираи вақти камтар, истифода шаванд. Ҳар як Sprint метавонад ҳамчун як лоиҳаи кӯтоҳ ба инобат гирифта шавад.

Таҷрибаҳои гуногун барои пешгӯии пешрафт ба монанди burn-downs, burn-ups, ё ҷараёнҳои ҷамъшуда вуҷуд доранд. Гарчанде ки муфиднокиаш тасдик шудааст, онҳо муҳимии эмпиризмро иваз намекунанд. Дар муҳити мураккаб он чизе ки рӯй медиҳад, маълум нест. Танҳо он чизе, ки аллакай руй додааст, метавонад барои қабули қарорҳои оянда истифода шавад.

Агар Sprint Goal кӯҳна шавад, Sprint метавонад бекор карда шавад. Танҳо Product Owner ҳуқуқ дорад, ки Sprint-ро бекор намояд.

## Sprint Planning

Sprint Planning оғози Sprint-ро тавассути муайян кардани корҳое, ки дар Sprint иҷро мешаванд, амали мегардонад. Ин нақшаи натиҷавӣ аз ҷониби кори муштараки тамоми Scrum Team омода шудааст.

Product Owner таъмин менамояд, ки иштирокчиён барои муҳокимаи муҳимтарин ҷузъҳои Product Backlog ва чӣ гуна онҳо ба Product Goal мувофиқат мекунанд, омода бошанд. Scrum Team инчунин метавонад одамони дигарро барои иштирок дар Sprint Planning барои пешниҳоди маслиҳат даъват кунад.

Sprint Planning мавзӯъҳои зеринро баррасӣ менамояд:

Мавзӯъи якум: Чаро ин Sprint арзишнок аст?
Product Owner пешниҳод мекунад, ки чӣ гуна маҳсулот метавонад арзиш ва фоиданокии худро дар Sprint-и ҷорӣ афзоиш диҳад. Сипас тамоми Scrum Team барои муайян кардани Sprint Goal хамкорӣ менамояд, сабаби арзишнок будани Sprint-ро барои ҷонибҳои манфиатдор муошират мекунад. Sprint Goal бояд пеш аз хотимаи Sprint Planning анҷом дода шавад.

Мавзӯъи дуюм: Дар ин Sprint чӣ омода шуда метавонад?
Тавассути муҳокима бо Product Owner, Developers ҷузъҳоро аз Product Backlog интихоб мекунанд, то ба Sprint-и ҷорӣ дохил намоянд. Scrum Team метавонад ин ҷузъҳоро дар ҷараёни кор такмил диҳад, ки ин фаҳмиш ва эътимоди онҳоро зиёд мекунад.

Интихоби он, ки чӣ миқдор дар давоми як Sprint анҷом дода мешавад, метавонад душвор бошад. Аммо, чӣ қадаре ки Developers дар бораи иҷрои гузаштаи худ, иқтидори дарпешистодаи худ ва таърифи анҷомёфтаи худ донанд, ҳамон қадар онҳо ба пешгӯиҳои Sprint-и худ эътимод хоҳанд дошт.

Мавзӯъи сеюм: Кори интихобшуда чӣ гуна иҷро мешавад?
Барои ҳар як ҷузъи интихобшудаи Product Backlog, Developers кори заруриро барои эҷоди Increment, ки ба таърифи анҷомёфта мувофиқат мекунад, ба нақша мегиранд. Ин аксар вақт тавассути тақсим кардани ҷузъҳои Product Backlog ба ҷузъҳои хурдтари кори як рӯз ё камтар аз он анҷом дода мешавад. Ин чӣ гуна анҷом дода мешавад, дар ихтиёри таҳиягарон аст. Ҳеҷ каси дигар ба онҳо намегӯяд, ки чӣ гуна ҷузъҳои паси маҳсулотро ба афзоиши арзиш табдил додан мумкин аст.

Sprint Goal, ҷузъҳои интихобшудаи Product Backlog барои Sprint, инчунин нақшаи таҳвили онҳо якҷоя ҳамчун Sprint Backlog номида мешаванд.

Sprint Planning ба ҳадди аксар ҳашт соат барои Sprint-и якмоха маҳдуд карда шудааст. Барои Sprint-ҳои кӯтоҳтар, чорабинӣ одатан кӯтоҳтар аст.

## Daily Scrum

Мақсади Daily Scrum ин санҷиши пешрафти Sprint Goal ва мутобиқ кардани Sprint Backlog дар ҳолати зарурӣ ва ислоҳи кори дарпешистодаи банақшагирифташуда мебошад.

Daily Scrum як чорабинии 15 дақиқагӣ барои Developers-ҳои Scrum Team мебошад. Барои кам кардани мураккабият, он дар як вақт ва ҷой ва ҳар рӯзи кории Sprint гузаронида мешавад. Агар Product Owner ё Scrum Master бо ҷузъҳои дар Sprint Backlog буда, фаъолона кор карда истода бошанд, онҳо ҳамчун Developers иштирок менамоянд.

Developers метавонанд барои таҳияи нақшаи амалишаванда барои рӯзи ояндаи кор ҳар гуна сохтор ва усулҳои дилхоҳро интихоб намоянд, ба шарте ки Daily Scrum-и онҳо ба пешрафти Sprint Goal таваҷҷӯх медиҳад. Ин таваҷҷӯхро ба вуҷуд меорад ва худидоракуниро беҳтар менамояд.

Daily Scrums ҳаррӯза муоширатро беҳтар менамояд, монеаҳоро муайян намуда, барои қабули қарорҳои зуд мусоидат мекунад ва дар натиҷа зарурати вохӯриҳои дигарро аз байн мебарад.

Барои Developers Daily Scrum ягона вақти иҷозати ислоҳ кардани нақшаи худ нест. Онҳо аксар вақт дар давоми рӯз барои муҳокимаҳои муфассал дар бораи мутобиқсозӣ, ё аз нав банақшагирии кори боқимондаи Sprint мулоқот мекунанд.

## Sprint Review

Ҳадафи Sprint Review ин тафтиши натиҷаи Sprint ва муайян кардани мутобиқсозии оянда мебошад. Scrum Team натиҷаҳои кори худро ба ҷонибҳои асосии манфиатдор пешниҳод менамояд ва пешрафти Product Goal-ро муҳокима мекунад.

Дар ҷараёни чорабинӣ, Scrum Team ва ҷонибҳои манфиатдор он чизеро, ки дар Sprint ба даст оварда шудааст ва дар муҳити он чӣ тағир ёфтааст, баррасӣ менамоянд. Дар асоси ин маълумот, иштирокчиён дар бораи чӣ кор кардан дар оянда ҳамкорӣ мекунанд. Product Backlog метавонад

инчунин барои қонеъ кардани имкониятҳои нав мутобиқ карда шавад. Sprint Review як ҷаласаи корӣ аст ва Scrum Team бояд аз маҳдуд кардани он бо презентатсия худдорӣ намояд.

Sprint Review ҳодисаи дуюм то охирини Sprint аст ва он барои як Sprint-и якмоҳа ҳадди аксар чаҳор соат пешбинӣ шудааст. Барои спринтҳои кӯтоҳтар, чорабинӣ одатан кӯтоҳтар аст.

## Sprint Retrospective

Мақсади Sprint Retrospective ин ба нақша гирифтани роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокӣ мебошад.

Scrum Team тафтиш мекунад, ки Sprint-и охирин дар робита бо шахсони алоҳида, муошират, равандҳо ва асбобҳо ва таърифи анҷомёфтаи онҳо чӣ гуна гузашт. Унсурҳои тафтишшуда аксар вақт вобаста ба соҳаи кор фарқ мекунанд. Фарзияҳое, ки онҳоро ба гумроҳӣ бурдаанд, муайян ва пайдоиши онҳо омӯхта мешавад. Scrum Team муҳокима мекунад, ки дар давоми Sprint чӣ хуб гузашт, ба кадом мушкилот дучор шуд ва чӣ гуна ин мушкилот ҳал карда шуданд (ё не).

Scrum Team тағйироти муфидтаринро барои баланд бардоштани самаранокии он муайян мекунад. Такмили таъсирбахштарин ҳарчи зудтар ворид карда мешавад. Онҳо ҳатто метавонанд дар Sprint Backlog барои Sprint-и оянда илова карда шаванд.

Sprint Retrospective ба Sprint хотима мерасонад. Он дар Sprint-и якмоҳа ба ҳадди аксар се соат махдуд карда шудааст. Барои Sprints-ҳои кӯтоҳтар, чорабинӣ одатан кӯтоҳтар аст.

## Артефактҳои Scrum

Артефактҳои Scrum кор ё арзишро ифода мекунанд. Онҳо барои баланд бардоштани шаффофияти иттилооти асосӣ тарҳрезӣ шудаанд. Ҳамин тариқ, ҳар як шахсе, ки онҳоро тафтиш мекунад, заминаи ягонаи мутобиқшавӣ дорад.

Ҳар як артефакт дорои ӯҳдадории таъмини маълумот аст, ки шаффофиятро афзоиш медихад ва таваҷҷуҳро нисбати пешрафт чен менамояд:

- Барои Product Backlog ин Product Goal аст.
- Барои Sprint Backlog ин Sprint Goal аст.
- Барои Increment ин таърифи анҷомефта аст.

Ин ӯҳдадориҳо барои тақвияти эмпиризм ва арзишҳои Scrum барои Scrum Team ва ҷонибҳои манфиатдори он вуҷуд дорад.

## Product Backlog

Product Backlog рӯйхати фаврӣ ва мунтазам навшавандаест, ки барои беҳтар кардани маҳсулот лозим аст. Ин манбаи ягонаи корест, ки аз ҷониби Scrum Team анҷом дода мешавад.

Ҷузъҳои Product Backlog, ки аз ҷониби Scrum Team дар як Sprint анҷом дода мешаванд, барои интихоб дар чорабинии Sprint Planning омода ҳисобида мешаванд. Онҳо одатан ин дараҷаи шаффофиятро пас аз такмил додани фаъолият ба даст меоранд. Такмили Product Backlog ин амали тақсимкунии ба қисмхои хурдтару дақиқтар ва минбаъд муайянкунии ҷузъҳои Product Backlog мебошад. Ин як амали ҷорӣ барои илова кардани қисмхо, ба монанди тавсиф, тартиб ва андоза аст. Хусусиятҳо аксар вақт вобаста ба соҳаи кор фарқ мекунанд.

Developers, ки корро иҷро мекунанд, барои андозагирӣ масъуланд. Product Owner метавонад ба Developers дар фаҳмидан ва интихоби созишҳо кӯмак расонад ва таъсирбахш бошад.

### Уҳдадорӣ: Product Goal

Product Goal ҳолатиояндаи маҳсулотро тасвир мекунад, ки метавонад ҳамчун максад барои Scrum Team ба нақша гирифта шавад. Product Goal дар дохили Product Backlog мебошад. Қисмати боқимондаи Product Backlog пайдо мешавад, то муайян намояд, ки "чӣ" барои иҷрои Product Goal мусоидат мекунад.

> *Маҳсулот воситаи интиқоли арзиш аст. Он дорои сарҳади аён, ҷонибҳои манфиатдори маълум, корбарон ё муштариёни хуб муайяншуда аст. Маҳсулот метавонад хидмат, маҳсулоти ҷисмонӣ ё чизи бештар таҷридӣ бошад.*

Product Goal ҳадафи дарозмуддати Scrum Team мебошад. Онҳо бояд пеш аз қабули ҳадафи дигар бояд як ҳадафро иҷро кунанд (ё тарк кунанд).

## Sprint Backlog

Sprint Backlog аз Sprint Goal (чаро), маҷмӯи ҷузъҳои Product Backlog барои Sprint интихобшуда (чӣ) ва инчунин нақшаи амалишаванда барои омода намудани Increment (чӣ тавр) иборат аст.

Sprint Backlog нақшаи Developers ва барои Developers аст. Ин як тасвири хеле намоён ва воқеии корест, ки Developers дар давоми Sprint барои ноил шудан ба Sprint Goal ба нақша гирифтаанд. Ҳамин тариқ, хангоми омузиши бештар Sprint Backlog дар рафти Sprint нав карда мешавад. Он бояд тафсилоти кофӣ дошта бошад, ки онҳо метавонанд пешрафти худро дар Daily Scrum тафтиш кунанд.

### Уҳдадорӣ: Sprint Goal

Sprint Goal ҳадафи ягонаи Sprint мебошад. Гарчанде ки Developers барои Sprint Goal ухдадоранд, он мутокибатро дар интихоби кори мушаххасе, ки барои ноил шудан ба он зарур аст, таъмин мекунад. Sprint Goal инчунин ҳамоҳангӣ ва таваччухро ба вуҷуд меорад, ки Scrum Team водор аст, на дар ташаббусҳои алоҳида балки якҷоя кор кунад.

Sprint Goal дар давоми чорабинии Sprint Planning омода мешавад ва сипас ба Sprint Backlog илова карда мешавад. Вақте ки Developers дар давоми Sprint кор мекунанд, онҳо Sprint Goal-ро дар хотир нигоҳ медоранд. Агар кор аз он ки онҳо интизор буданд, фарқ намояд, онҳо бо Product Owner

ҳамкорӣ мекунанд, то хаҷми Sprint Backlog-ро дар дохили Sprint бидуни таъсир ба Sprint Goal гуфтушунид намоянд.

## Increment

Increment як қадами мушаххас ба сӯи Product Goal мебошад. Ҳар як Increment ба ҳама Increments - ҳои қаблӣ илова шуда, дар якҷояги кор кардани ҳама Increments бодиққат санҷида мешавад. Барои таъмини арзиш, Increment бояд қобили истифода бошад.

Якчанд Increments метавонад дар дохили Sprint омода карда шавад. Маҷмуъи Increments дар Sprint Review пешниҳод карда мешавад, ва хамин тарик эмпиризмро дастгирӣ мекунад. Аммо, Increment метавонад ба ҷонибҳои манфиатдор пеш аз анҷоми Sprint пешниход шавад. Sprint Review набояд ҳеҷ гоҳ ҳамчун марҳилаи ниҳоӣ барои озод кардани арзиш ҳисобида шавад.

Агар кор ба таърифи иҷрошуда мувофиқат накунад, он наметавонад як қисми Increment ҳисобида шавад.

### Commitment: Таърифи иҷрошуда

Таърифи иҷрошуда тавсифи расмии ҳолати Increment мебошад, ки он ба ченакҳои сифати маҳсулот мувофиқат мекунад.

Лаҳзае, ки ҷузъи Product Backlog ба таърифи иҷрошуда мувофиқат мекунад, Increment ба вуҷуд меояд.

Таърифи иҷрошуда шаффофиятро тавассути фаҳмиши муштарак оиди қисми кори анҷомдодашудаи Increment, ба вуҷуд меорад. Агар Product Backlog ба таърифи иҷрошуда мувофиқат накунад, он набояд баровардa ё ҳатто дар Sprint намоиш дода шавад. Баръакс, он барои баррасии оянда ба Product Backlog бармегардад.

Агар таърифи иҷрошуда барои Increment як қисми стандартҳои ташкилот бошад, ҳамаи Scrum Teams бояд ҳадди аққал онро риоя кунанд. Агар он стандарти ташкилотӣ набошад, Scrum Team бояд таърифи иҷрошударо барои маҳсулот омода намояд.

Аз Developers талаб карда мешавад, ки ба таърифи иҷрошуда мувофиқат кунанд. Агар якчанд Scrum Teams барои як маҳсулот якҷоя кор кунанд, онҳо бояд байни хамдигар ҳамон таърифи иҷрошударо муайян карда ба он мувофиқат кунанд.

# Хулоса

Scrum ройгон аст ва дар ин роҳнамо пешниҳод карда мешавад. Чаҳорчӯбаи Scrum, тавре ки дар ин ҷо зикр шудааст, тағирнопазир аст. Гарчанде ки татбиқи қисмҳои Scrum имконпазир аст, натиҷаи он Scrum нест. Scrum танҳо дар маҷмӯъ вуҷуд дорад ва ҳамчун чахорчуба барои дигар усулҳо, методологияҳо ва амалияҳо хизмат мекунад.

# Сипосгузорӣ

## Одамон

Аз ҳазорон одамоне, ки дар Scrum саҳм гузоштаанд, мо бояд онҳоеро қайд кунем, ки дар ибтидо нақши муҳим доштанд: Ҷефф Сазерленд дар ҳамкори бо Ҷефф МакКенна ва Ҷон Скумниоталес, Кен Швабер дар ҳамкори бо Майк Смит ва Крис Мартин, ҳамаи онҳо якҷоя кор кардаанд.
Бисёре аз дигарон дар солҳои минбаъда саҳми худро гузоштанд ва бе кӯмаки онҳо Scrum мисли имрӯз такмил намешуд.

## Таърихи Роҳнамои Scrum

Соли 1995 Кен Швабер ва Ҷефф Сазерленд Scrum-ро дар конфронси OOPSLA бори аввал муаррифӣ карданд. Он моҳиятан донишеро, ки Кен ва Ҷефф дар тӯли чанд солхои пеш ба даст оварда буданд, ҳуҷҷатгузорӣ намуда, аввалин таърифи расмии Scrum-ро ба омма пешкаш намуд.

Роҳнамои Scrum чуноне, ки Ҷефф Сатерленд ва Кен Швабер Scrum-ро дар тӯли зиёда аз 30 сол таҳия, такмил ва устувор додаанд, навишта шудааст. Манбаъҳои дигар намунаҳо, равандҳо ва фаҳмишҳоро пешниҳод мекунанд, ки чаҳорчӯбаи Scrum-ро пурра менамоянд. Онҳо метавонанд ҳосилнокӣ, арзиш, эҷодкорӣ ва қаноатмандиро аз натиҷаҳо афзоиш диҳанд.

Таърихи пурраи Scrum дар ҷои дигар тасвир шудааст. Барои эҳтиром кардани ҷойҳое, ки он озмуда ва исбот шудааст, мо Individual Inc., Newspage, Fidelity Investments ва IDX (ҳоло GE Medical)-ро эътироф мекунем.

## Переводчики

Нусхаи аслии рохнамои мазкур ба забони англисӣ аз ҷониби муаллифони дар боло номбаршуда пешниҳод шудааст. Таҳияи тарҷумаи дастури Scrum-ро ба забони тоҷикӣ пешниход кард ва онро амалӣ намуд:

- Набиева Фируза Ҷахоновна, f.nabieva@yahoo.com, https://www.linkedin.com/in/firuza-nabieva

## Тағйирот аз Роҳнамои Scrum 2017 то ба Роҳнамои Scrum 2020

### Ҳатто камтар дастурдиҳанда

Бо гузашти солҳо, Роҳнамои Scrum каме бештар дастурдиҳанда шуд. Тавассути бартараф кардан ё нарм кардани забони дастурдиҳанда, нусхаи 2020 ҳадафи баргардонидани Scrum ба чаҳорчӯбаи ҳадди ақал лозимаро дошт. Масалан, саволҳои Daily Scrum хориҷ карда шуданд, забон дар атрофи атрибутҳои PBI нарм карда шуд, забони марбут ба элементҳои ретроспектива дар Sprint Backlog нарм карда шуд, қисмати бекор кардани Sprint кӯтоҳ карда шуд ва ғайра.

### Таваҷҷуҳи як даста, ба як маҳсулот

Ҳадаф аз байн бурдани мафҳуми дастаи ҷудогона дар дохили даста буд, ки ба рафтори " proxy " ё "мо ва онҳо" байни PO ва Dev Team оварда расонд. Ҳоло танҳо як Scrum Team вуҷуд дорад, ки бо се маҷмӯи масъулиятҳои гуногун: PO, SM, ва Developers, ба як ҳадаф таваҷҷуҳ мекунанд.

### Ҷорӣ кардани Product Goal

Роҳнамои Scrum 2020 мафҳуми Product Goal-ро ворид намуд, то Scrum Team -ро ба сӯи як ҳадафи арзишмандтар ва бузургтар равона кунад. Ҳар як Sprint бояд маҳсулотро умуман ба Product Goal наздиктар кунад.

### Манзил барои Sprint Goal, таърифи иҷрошуда ва Product Goal

Роҳнамои қаблии Scrum Sprint Goal ва таърифи иҷрошударо бидуни шахсият тавсиф карданд. Онҳо ҳамчун артефактҳо ҳисобида намешуданд, вале каму беш ба артифакт пайваст буданд. Бо илова кардани Product Goal, нусхаи 2020 ба атрофи ин мафҳумҳо бештар равшанӣ меандозад. Ҳар як аз се артефактхо акнун ‘уҳдадориҳо’-и худро доранд. Барои Product Backlog ин Product Goal аст, барои Sprint Backlog — Sprint Goal, ва барои Increment — таърифи иҷрошуда (ҳоло бе нохунакҳо). Ин уҳдадориҳо барои шаффофият ва таваҷҷуҳ ба сӯи пешрафти ҳар як артефакт вуҷуд доранд.

### Худидоракунӣ бештар аз худташкилдиҳӣ

Роҳнамои қаблии Scrum бо интихоби кӣ ва чӣ гуна корро анҷом медиҳад, ба Development Teams ҳамчун худташкилкунанда ишора мекард. Бо таваҷҷуҳи зиёдтар ба Scrum Team нусхаи 2020 бо интихоби кӣ, чӣ гуна, чӣ корро анҷом медиҳад, бештар ба худидоракунии Scrum Team таъкид мекунад.

### Се мавзӯи Sprint Planning

Илова ба мавзӯъҳои "Чӣ" ва "Чӣ гуна"-и Sprint Planning, Роҳнамои Scrum 2020 ба мавзӯи сеюм "Чаро" — ишора мекунад, ки ба Sprint Goal нигаронида шудааст.

### Соддакунии умумии забон барои оммаи васеътар

Роҳнамои Scrum 2020 ба бартараф кардани ибораҳои такрорӣ ва мураккаб, инчунин хориҷ кардани ишораҳои кори IT (масалан, тесткунӣ, система, тарроҳӣ, талабот ва ғайра) таъкид мекунад. Ҳоло Роҳнамои Scrum камтар аз 13 саҳифаро ташкил медиҳад.

## Луғати истилоҳҳо

| | |
|---|---|
| Scrum | Скрам |
| Sprint Planning | Банақшагирии Спринт |
| Daily Scrum | Скрами Ҳаррӯза |
| Sprint Review | Шарҳи Спринт |
| Sprint Retrospective | Ретроспективаи Спринт |
| Scrum Team | Дастаи Скрам |
| Scrum Master | Скрам-Мастер |
| Product Owner | Соҳиби Маҳсулот |
| Developers | Таҳиягарон |
| Product Backlog | Бэклоги Маҳсулот |
| Product Goal | Ҳадафи Маҳсулот |
| Sprint Backlog | Бэклоги Спринт |
| Sprint Goal | Ҳадафи Спринт |
| Increment | Инкремент |